**СУРАТМАҶЛИСИ №119**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-018**

21-уми апрели соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои Шуро 14 нафар

Раиси шуро: Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7-уми январи соли 2022, №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардидааст, иштирок доранд 14 нафар, аз онҳо 5 нафарашон докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравand. Пешниҳод карда мешавад, ки ҷаласаи Шуро кушода эълон шавад. Марҳамат, ягон пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Қарор қабул карда шуд, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ кушода эълон шавад.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ғаюрзода Ш.К. ва аъзои комиссия Муртазозода Ҷ.С., Аминова Ф.М. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст. Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи мадани, ҳуқуқи соҳибкори, ҳуқуқи оилави, ҳуқуқи байналмилалии хусуси барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба сифати муқарризони расми таъин карда шаванд:

**Бобозода Ҷамурод Қурбон** – доктори илмҳои ҳуқуқшиноси, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи ииқтисоди ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

**Сидиқов Дилшод Аҳрорович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиноси, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 3-юми июли соли 2026, соати 9:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳи:** тарафдор - 14 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетени беъэтибор - нест. **Қарор якдилона ҷонибдори гардид.**

Раиси шурои диссертатсиони,
доктори илмҳои ҳуқуқшиноси, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсиони,
номзади илмҳои ҳуқуқшиноси, дотсент Қодиров Н.А.